**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 228/1с

аз «23» 05 соли 2025

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №201 «Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ» аз 26 сентябри соли 2013, №235 ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар банди 2, сархати дуюми банди 3, зербанди 3 банди 3, банди 5 ва банди 11 лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои ташкилотҳои қарзӣ доир ба истифодаи тасдиқи аслияти бисёромила ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, насби камераҳои назоратӣ, талаботҳои бехатарӣ барои замимабарномаҳои мобилӣ (ҳамёнҳои электронӣ ва бонкдории мобилӣ), пешниҳоди ҳисобот ҳар семоҳа оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои қаллобӣ дар рафти пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ва ташкили сохтори махсусгардонидашуда пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои густариши иқтисоди рақамӣ, таъмини амнияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, пешгирӣ аз қаллобӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор                                                                                    Саидзода И.Ҳ.